# Шарҳи моҳонаи таваррум • Июни 2019

**Муътадилии сатҳи таваррум дар моҳи июни соли ҷорӣ пас аз нисбатан болоравӣ давоми ду моҳи охир (апрел – майи с. 2019 ба андозаи 2,1 фоиз) ба қайд гирифта шуда, 0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 0,7 банди фоизӣ кам мебошад.**

**Бояд зикр намуд, ки дар маҷмӯъ раванди мазкур бештар дар натиҷаи таъсири омилҳои берунӣ, таклифотӣ ва мавсимӣ ба амал омад. Дар баробари ин, зиёдшавии даромаднокӣ ва талаботи аҳолӣ низ ба ин раванд замина гузошт.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,6 фоиз (0,2 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,1 фоиз ба амал омад.

Дар сохтори таваррум дар ин моҳ бештар болоравии нархи маҳсулоти гӯштӣ, аз қабили гӯшти гов (5,1 фоиз) ва гӯшти гӯсфанд (3,8 фоиз), ки дар натиҷаи кам гардидани пешниҳодот ба вуқӯъ пайваст, ба қайд гирифта шуд.

Дар баробари ин, болоравии нархи биринҷ, шакар, сабзавот ва ғайра низ вобаста ба омилҳои марбутаи беруна ва мавсимии кӯтоҳмуддат ба амал омад.

Ҳамзамон, дар моҳи баррасишаванда дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ асосан болоравии нархҳои маводи доруворӣ, шустушӯй, сӯзишворӣ, либос ва пойафзол ба назар расид, ки дар маҷмӯъ 0,2 фоизи болоравии сатҳи умумии молҳои ғайрихӯрокворӣро ташкил дод.

Инчунин, дар моҳи мазкур тамоюли тағйирёбии семоҳаи миёнаи сатҳи таваррум (бо истисноӣ таъсири омилҳои мавсимӣ) нисбат ба ҳамин моҳи соли қаблӣ коҳиш ёфт, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи коҳишёбии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ҳосил шуд.

Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ дар моҳи ҳисоботӣ муътадил буда, асосан аз ҳисоби баланд шудани арзиши хизматрасониҳои маишӣ ба андозаи 0,6 фоиз ба вуқӯъ пайваст. Дар баробари ин, дар моҳи баррасишаванда бинобар муътадил будани нархи хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда (аз қабили қувваи барқ, оби гарм ва дигар хизматрасониҳои манзилӣ - коммуналӣ) бетағйир боқӣ монд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ ба таваррум, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Дар натиҷа, сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи июни соли 2019 тамоюли коҳишёбӣ дошта, 8,7 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 0,1 б.ф. кам мебошад.

Сатҳи таварруми аслӣ** дар моҳи июни соли ҷорӣ 0,3 фоиз[2] ва бо арзёбии солона ба 2,7 фоиз[3] баробар шуд, ки ин аз маҳдуд будани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо гувоҳӣ медиҳад.

Тибқи тадқиқотҳо*** интизории аҳолӣ оид ба тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо дар 12 моҳи охир нисбат ба сатҳи умумии нархҳои воқеӣ дар ҳолати нисбатан паст арзёбӣ гардиданд ва барои давраи дарозмуҳлат бошад, дар сатҳи муътадил пешбинӣ шудааст.

Хавфҳои пешбинишудаи аҳолӣ оид ба омилҳои асосии таъсиррасон ба болоравии сатҳи нархҳо ин ба болоравии нархҳои ҷаҳонӣ, нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва номутавозунӣ дар бозори дохилӣ рабт дода шуд.

**Тибқи таҳлилҳо тамоюли сатҳи таваррум бо дарназардошти интизориҳои таваррум ва коҳишёбии таъсири омилҳои берунию шокҳои мавсимӣ, ба мувозинат омадани талаботу таклифот муътадил гардида, дар ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок ҷамъбаст хоҳад шуд.**

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва то интиҳои сол ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда татбиқи босамари сиёсати пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯроквориӣ, моводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

***Интизории таваррум дар асоси пурсишномаи бо фарзияҳои гуногун ва бо усули коршиносони байналмилалӣ таҳия шуда, аз рӯи зиёда аз 1805 респонденте, ки тамоми ҷумҳуриро фаро гирифтааст, ҳисоб карда шудааст.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | Июн, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | 2019 | | | | | | |
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **2,5** | **1,6** | **5,0** | **5,4** | **5,6** | **6,4** | **7,8** | **8,3** | **8,8** | **8,7** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **0,9** | **-2,1** | **4,8** | **4,9** | **6,3** | **7,9** | **10,2** | **11,4** | **12,4** | **13,5** | **0,4** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -3,4 | -4,2 | 4,5 | 8,9 | 13,2 | 15,8 | 19,7 | 18,8 | 18,4 | 18,8 | 0,9 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | 1,9 | 8,1 | 15,8 | 19,5 | 20,7 | 21,9 | 22,1 | 25,2 | 25,4 | 24,8 | 2,2 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -6,0 | -8,2 | 3,9 | 9,9 | 16,0 | 18,7 | 25,3 | 22,7 | 21,4 | 22,1 | 0,7 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,5 | 4,9 | 6,7 | 8,6 | 9,4 | 10,2 | 10,4 | 11,4 | 14,3 | 18,0 | 4,1 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,0 | 3,0 | 6,1 | 8,9 | 9,7 | 11,2 | 11,4 | 12,9 | 17,2 | 21,8 | 5,1 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | -0,6 | 0,1 | 7,7 | 3,9 | 1,8 | -2,0 | 6,6 | -3,1 | 7,8 | 6,0 | -5,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 2,3 | 3,7 | 3,4 | 4,1 | 2,6 | 2,4 | 3,1 | 3,2 | 2,0 | 4,8 | 1,9 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | -2,2 | 0,7 | -1,4 | 1,3 | -2,1 | -1,6 | 0,0 | 2,3 | -1,6 | 2,7 | 2,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -2,5 | -0,8 | 4,7 | 9,2 | 9,1 | 9,6 | 10,4 | 8,1 | 8,5 | 5,2 | -0,2 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 6,4 | 24,2 | 18,2 | 4,0 | 2,3 | -3,0 | -4,0 | -12,2 | -16,0 | -15,5 | -7,6 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | -6,4 | -23,8 | -1,4 | -10,7 | -9,7 | -3,6 | 3,7 | 18,7 | 25,5 | 33,1 | -0,3 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -10,1 | -11,2 | -11,3 | 2,7 | 4,4 | 4,5 | 5,7 | 6,3 | 6,1 | -0,6 | 2,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,6 | 3,3 | 3,6 | 2,8 | 2,5 | 5,4 | 5,1 | 8,3 | 6,7 | 6,2 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **6,9** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **6,7** | **8,1** | **8,1** | **8,1** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **8,0** | **4,7** | **6,4** | **5,4** | **6,5** | **4,6** | **3,8** | **3,8** | **3,5** | **3,5** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,0** | **5,8** | **5,7** | **6,4** | **6,3** | **5,6** | **6,3** | **6,0** | **5,9** | **4,7** | **0,6** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 3,0 | 4,9 | 4,6 | 5,6 | 14,4 | 14,3 | 14,7 | 14,4 | 14,4 | 13,5 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 6,1 | 7,0 | 7,3 | 7,8 | 5,5 | 6,0 | 5,9 | 5,2 | 5,2 | 0,7 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 0,7 | 3,2 | 6,2 | 6,2 | 6,1 | 7,0 | 8,0 | 7,9 | 9,0 | 0,1 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 1,9 | 9,2 | 10,4 | 10,7 | 6,3 | 6,4 | 9,2 | 16,7 | 18,1 | 1,8 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 14,1 | 26,4 | 14,1 | 12,2 | 7,2 | 3,0 | 5,4 | 2,3 | 0,4 | -10,6 | 1,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,4 | -8,4 | -4,5 | -5,0 | -12,8 | -13,2 | -12,7 | -0,2 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 4,4 | 4,4 | 5,2 | 5,2 | 8,3 | 8,1 | 6,9 | 2,1 | 0,4 | -0,2 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 9,1 | 11,9 | 8,4 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 8,5 | 7,8 | 6,9 | 4,9 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **5,0** | **7,3** | **4,3** | **4,9** | **2,1** | **3,1** | **3,4** | **3,3** | **3,4** | **1,3** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 11,7 | 20,5 | 11,3 | 10,8 | 9,8 | 9,6 | 12,3 | 10,5 | 9,4 | 3,2 | 0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 6,5 | 3,3 | 3,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,4 | 8,4 | 8,4 | 8,7 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 14,4 | 14,4 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 8,5 | 52,3 | 8,7 | 6,2 | 2,8 | 0,9 | 14,1 | 4,8 | 0,5 | -23,3 | 0,0 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 0,7 | -0,6 | -0,7 | 2,9 | -4,8 | -0,7 | -2,4 | -1,0 | -0,2 | -0,2 | -0,1 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,1 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,5 | 2,9 | 1,8 | 3,3 | 3,3 | 2,9 | 3,2 | 3,4 | 3,7 | 3,2 | 0,6 |

*** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо